**Тақризи**

**роҳбари илмӣ доир ба фаъолияти илмии унвонҷӯ Иброҳимов Қобилҷон Абдукаримович дар мавзуи «Таъсири шароитҳои гуногуни иқлимӣ ба нишондиҳандаҳои физиологию биохимиявӣ ва маҳсулнокии навъҳои офтобпараст (*Heliantus annuus* L.)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.05 -Физиология ва биохимияи растаниҳо**

Иброҳимов Қобилҷон Абдукаримович хатмкардаи факултети биология ва химияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдулоҳи Рӯдакӣ (2004) мебошад. Солҳои 2005-2007 аспиранти Институти ботаника, физиология ва генетикаи растаниҳои АМИТ. Аз соли 2007 ба ҳайси лаборанти кафедраи геоэкология дар факултети географияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолияти кориашро оғоз кардааст.

Дар давраи таҳсил дар аспирантура корҳои илмӣ таҳқиқотиро аз худ намудааст ва бо корҳои илмии соҳаи физиологияи растаниҳо шинос мебошад. Иброҳимов Қобилҷон Абдукаримович аз ухдаи мустақилона гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ мебарояд. Иброҳимов Қобилҷон Абдукаримович дар раванди корҳои илмӣ таҳқиқотӣ маҳорату малакаи хуб нишон дода, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст.

Ҳангоми иҷрои корҳои илмӣ таҳқиқотӣ доир ба омӯзиши ҷараёни мубодилаи об, маҳсулнокии фотосинтетикӣ ва ташаккулёбии массаи биологии умумии растанӣ ва ҳосили хоҷагии навъҳои серравғани зироати офтобпараст дар минтақаҳои гуногуни Ҷанубии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода аст.

Нуқтаҳои асосии рисола дар маводҳои илмии нашрнамудаи муаллиф инъикос гардидаанд. Ногуфта намонад, рисола ба забони тоҷикӣ омода гардида, баҳри пешравии илми физиология саҳмгузор аст.

Дар таҳқиқотҳои ӯ таъсири шароити минтақаҳои иқлимӣ, хусусан реҷаи ҳарорат ва намнокии ҳаво ба гузариши раванди маҳсулнокӣ ва фаъолияти фотосинтетикии растанӣ вобаста аз хусусиятҳои хоси навъҳои серравғани офтобпараст тасниф ва илман асоснок карда шудаанд. Нақши омилҳои иқлимӣ дар ташаккулёбии ҳосилнокии биологӣ ва хоҷагии навъҳои серравғани офтобпараст ошкор карда шудааст. Маълумотҳои таҷрибавӣ оид ба таъсири омилҳои иқлимӣ ба маҳсулнокии биологӣ ва сифати дон ҷойгиркунии мақсадноки навъҳои серравғани офтобпарастро дар минтақаҳои гуногуни дорои захираҳои зиёди ҳарорати мусбӣ ва намнокии кофии ҳаворо илман исбот менамояд.

Ғайр аз ин қайд кардан ба маврид аст, ки дар давоми фаъолияти илмиаш Иброҳимов Қобилҷон Абдукаримович ба ҳайси мудири шуъбаи тарбияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садирддин Айнӣ фаъолияти меҳнатиашро идома дода додааст. Аз давраи фаъолият доштан дар Донишгоҳ ҷиҳати дар амал татбиқ намудани қарорҳои мушовара ва фармоишҳои Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Шурои олимон ва дастуру супоришҳои ретори Донишгоҳ, риоя кардани талаботҳои интизоми меҳнат, баланд бардоштани сифати таълими фанҳои тадрисшаванда, возеҳ кардани ҷаҳонбинии шогирдон, тарбияи мутахассисони соҳавӣ, ба низом даровардани ҳуҷҷатгузории кафедра, марҳила ба марҳила таҳия намудани китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ ва методӣ ҷаҳду талош намудааст. Айни замон ба ҳайси муаллими калони кафедраи геоэкологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолият дорад.

Дар хулоса қайд карданиам, ки Иброҳимов Қобилҷон Абдукаримович корҳои илмӣ таҳқиқотиашро дар Институти ботаника, физиология ва генетикаи растаниҳои АМИТ дар мавзӯи «Таъсири шароитҳои гуногуни иқлимӣ ба нишондиҳандаҳои физиологию биохимиявӣ ва маҳсулнокии навъҳои офтобпараст (*Heliantus annuus* L.)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.05 -Физиология ва биохимияи растаниҳо мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
Доктори илмҳои биологӣ,
профессори кафедраи физиологияи
растаниҳои Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон Эргашев Абдуллоҷон

Имзои А. Эргашев-ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

20.05.2023